**Такриз ба рисолаи Юсупова Мусабе Исломовна «Ҷанбаҳои фолклории эҷодиёти Раҳим Ҷалил ва нақши онҳо дар тафаккури бадеӣ ва услуби эҷодии нависанда» аз рӯйи ихтисоси 10.01.00 – Адабиётшиносӣ (10.01.09. Фолклоршиносӣ, 10.01.01. Адабиёти тоҷик.)**

Омӯзиши масъалаҳои фолклоршиносӣ дар робита бо масоили таърихи адабиёт ва таҳқиқи ин матолиб дар заминаи осори адибон, муносибати эҷодиёти бадеии даҳонӣ ба адабиёти китобӣ ва таъсири онҳо ба якдигар аз вазифаҳои муҳимми адабиётшиносӣ аст. Бинобар ин омӯзиши асарҳои нависандаи маъруфи тоҷик Раҳим Ҷалил дар иртибот бо истифодаи аносири фолклорӣ ва ба сифати таҳқиқоти диссертатсионӣ қарор гирифтани он талаботи замон аст.

Мавзуи рисола «Ҷанбаҳои фолклории эҷодиёти Раҳим Ҷалил ва нақши онҳо дар тафаккури бадеӣ ва услуби эҷодии нависанда» аз нигоҳи мубрамият ва аҳамияти илмию амалӣ барои илми фолклоршиносӣ хеле муҳим буда, дар он ба масъалаҳои истифодаи жанрҳои фолклорӣ дар осори Раҳим Ҷалил, ҷойгоҳи эҷоди шифоҳии халқ дар тафаккури бадеӣ ва таъсири он ба сабки нигориши адиб изҳ́ори назар шудааст. Аҳамияти мавзуи интихобнамуда дар он аст, ки бархе аз маводи фолклории бори аввал гирдовардашуда чун санади илмӣ мавриди таҳқиқ қарор ёфтаанд.

Масъалаҳои назариявию амалии диссертатсия дар се боб ва шаш фасл мавриди муҳокима ва таҳлил қарор гирифтааст. Дар боби аввали рисола нақши фолклор дар ташаккули тафаккури бадеӣ ва ҷойгоҳи он дар ашъори Раҳим Ҷалил, дар боби дуюм ҷанбаҳои фарҳанги мардумӣ дар ҳикояву қиссаҳо ва нақши онҳо дар тафаккури бадеии нависанда ва дар боби охирин мавқеи унсурҳои фолклор дар романҳои Раҳим Ҷалил ва таъсири он ба услуби нигориши ӯ ба таҳқиқ гирифта шудааст.

Дар рисола масъалаи робитаи таркибии эҷодиёти нависанда бо осори лафзии халқ ва таъсири он ба услуби нависанда, таъсири фолклор дар ташаккули тафаккури бадеии Раҳим Ҷалил, таносуби фолклор ва услуби эҷодии нависанда, ҷойгоҳи анвои фолклорӣ дар ашъори Раҳим Ҷалил, мавқеи фолклор ва ҷанбаҳои фолклории ҳикояҳо, қиссаи воқеии «Маъвои дил», романҳои «Одамони ҷовид» ва «Шӯроб», ривоят, шугунҳо ва дуоҳо дар осори Раҳим Ҷалил ба доираи таҳқиқ кашида шудааст.

Дар ҷараёни баррасии масъалаҳои мазкур муаллифи рисола Раҳим Ҷалилро ба унвони нависандае нишон додааст, ки ба эҷодиёти бадеии шифоҳии халқ таваҷҷуҳи зиёд дошта, дар омӯзиш ва гирдоварии он саъй намудааст.

Аз таҳлили унвонҷӯ бармеояд, ки дар осори Раҳим Ҷалил дар баробари жанрҳои фолклории зарбулмасалу мақол, тарона, дубайтӣ, рубоӣ, латифа, ривоят, нақл мавриди истифода қарор гирифта, барои обуранг бахшидан ба нутқи қаҳрамонон, мушаххас кардани образи онҳо хидмат мекунанд, дар қиссаи воқеии «Маъвои дил» мероси фарҳанги ғайримодии Хуҷанд низ инъикос ёфтааст. Дар романи «Шӯроб» на танҳо

фолклори тоҷик, балки фолклори мардуми миллатҳои дигар, гурӯҳҳои иҷтимоӣ ва фолклори ҳирфавии ангиштканон низ истифода гаштааст, ки ба жанр ва услуби асар низ таъсир гузоштаааст.

Дар раванди баррасии масъалаҳо муаллиф ҷойгоҳи фолклорро дар анвои мухталифи осори Раҳим Ҷалил, аз ҷумла ашъори ғиноӣ, ҳикояҳову қиссаҳо, романҳо ва асари ҳуҷҷатии "Маъвои дил" мавриди таҳқиқ қарор додааст.

Хулосаи рисола дар заминаи таҳқиқ ва таҳлили ҷиддӣ таълиф шудааст. Феҳрасти адабиёт гувоҳи чашмандози густурда ва доираи мутолиоти унвонҷӯ мебошад.

Ҳамин тариқ, унвонҷӯ Юсупова Мусабе Исломовна вазифаҳои дар пеш гузоштаашро ҳаллу фасл кардааст ва кори анҷомдодаи ӯ ба талаботи бандҳои 31-35-уми Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021-ум таҳти № 267-ум тасдиқ шудааст, инчунин талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯи ихтисоси 10.01.00 - Адабиётшиносӣ (10.01.09 – Фолклоршиносӣ, 10.01.01 - Адабиёти тоҷик) мебошад.

Ман ҳамчун раҳнамои илмӣ рисолаи мазкурро ба дифоъ пешниҳод менамоям.

**Роҳбари илмӣ**: доктори илмҳои филологӣ,
профессори кафедраи адабиёти муосири
тоҷики Муассисаи давлатии таълимии
"Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи
академик Бобоҷон Ғафуров" Мирзоюнус Матлуба

**Суроға:** 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
Шаҳри Хуҷанд, кӯчаи Мавлонбеков, 1
Муассисаи давлатии таълимии
"Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи
академик Бобоҷон Ғафуров"
Почтаи электронӣ: matluba.khojaeva@gmail.com
Тел: 92 733 56 96

*"Имзои профессор Мирзоюнус Матлубаро тасдиқ мекунам"*
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Муассисаи давлатии таълимии
"Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи
академик Бобоҷон Ғафуров" Ҳусейнова З.С.

Нишонӣ: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Хуҷанд, кӯчаи Мавлонбеков, 1.
Тел.: (992 34 22) 6-52-73
E-mail: rector@hgu.tj

"28" марти соли 2024-ум